**ТАҚРИЗ**

**ба автореферати диссертатсияи Саидзода Муҳаббат Шералӣ дар мавзӯи «Масоили оилавӣ-ҳуқуқии тарбияи кӯдакон дар Ҷумҳурии Тоҷикистон», ки барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ аз рӯи ихтисоси 12.00.03 – ҳуқуқи гражданӣ, ҳуқуқи соҳибкорӣ, ҳуқуқи оилавӣ, ҳуқуқи байналмилалии хусусӣ (илмҳои ҳуқуқшиносӣ) пешниҳод шудааст**

Дар шароити эъмори давлати ҳуқуқбунёд масъалаҳои вобаста ба тарбияи кӯдакон дар сиёсати давлат ва Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон мавқеи махсусро ишғол менамояд. Бо ин мақсад Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон як қатор чораҳои заруриро андешидааст. Аз ҷумла аз тарафи Ҷумҳурии Тоҷикистон эътироф намудани санадҳои меъёрии байналмилалӣ, ба монанди Эъломияи умумии ҳуқуқи башар, Конвенсия дар бораи ҳуқуқҳои кудак ва ғайраҳо аз тадбирҳое мебошанд, ки бахри тарбияи бевоситаи кӯдакон равона карда шудааст. Дар ин замина, дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои тарбияи дурусти кӯдакон тамоми заминаҳои ҳуқуқӣ гузошта шудааст.

Давлат дар сатҳи конститутсионӣ тарбияи кӯдакро яке аз вазифаҳои асосии худ эътироф намуда, модару кӯдакро таҳти ҳимоя ва ғамхории махсус қарор дода, падару модарро барои таълиму тарбияи фарзанд масъул донистааст. Бо ин мақсад дар Ҷумҳурии Тоҷикистон қонуни махсус бо номи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи масъулияти падару модар дар таълиму тарбияи фарзанд» қабул гардидааст, ки ҳуқуқу уҳдадориҳои асосии падару модарро дар самти тарбияи дурусти фарзандон ва ба таълим фаро гирифтани онҳо муқаррар кардааст.

Бо максади тақвияти масъулияти падару модар дар таълиму тарбияи кӯдак ва дар рӯҳияи инсондӯстӣ, ватанпарварӣ, эҳтироми арзишҳои миллӣ, умумиинсонӣ ва фарҳангӣ тарбия намудани фарзандон, инчунин барои ҳифзи ҳуқуқу манфиатҳои қонунии онҳо як қатор санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ қабул карда шудаанд. Аз ҷумла Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи ҳифзи ҳуқуқҳои кӯдак», Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи ҷавонон ва сиёсати давлатии ҷавонон», Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи маориф», Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи пешгирии зӯроварӣ дар оила», Консепсияи миллии тарбия дар Ҷумҳурии Тоҷикистон ва ғайраҳо.

Аз санадҳои меъёрии ҳуқуқии зикргардида бармеояд, ки оид ба тарбияи кӯдакон дар Ҷумҳурии Тоҷикистон чораҳои комплексии ҳуқуқӣ, иҷтимоӣ ва сиёсӣ андешида шудаанд, аммо ба ҳаммаи ин нигоҳ накарда дар ин самт то ҳол мушкилот вуҷуд доранд, ки барои ҳалли онҳо чораҳои дахлдори иловагӣ зарур мебошад. Аз ин рӯ таҳқиқоти гузаронидашудаи Саидзода Муҳаббат Шералӣ, ки «Масоили оилавӣ-ҳуқуқии тарбияи кӯдакон дар Ҷумҳурии

Тоҷикистон» ном гирифтааст, ҷиҳати дарёфт ва пешниҳоди чораҳои иловагӣ барои тарбияи дурусти кӯдакон дар оила заминаи хуби илмӣ мегузорад.

Дар диссертатсия нӯҳ нуктаи илмӣ ба ҳимоя пешниҳод шудааст, ки ҳамагӣ муҳим буда, дар илми ҳуқуқшиносӣ навгонӣ маҳсуб меёбанд.

Муаллифи диссертатсия дар таҳқиқоти илмии худ асоснок кардааст, ки тарбия ин ҷараёни бефосила ва меъёрию танзимшаванда мебошад, ки тавассути субъектҳои махсус амалӣ карда шуда, барои баланд бардоштани қобилияти зеҳнии кӯдак ва омодагии он ба ҳаёти мустақилона равона карда мешавад. Тарбия хусусиятҳои зерини худро дорад, ки аз дигар намудҳои фаъолияти иҷтимоӣ фарқ мекунад:

- тарбия ин ҷараёни дақиқ муайяншудаест, ки ҳар як марҳилаи тарбия, мақсад ва вазифаи тарбия бо қонунҳо ва дигар санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ муайян карда шудаанд;
- тарбия пеш аз ҳама барои таъсиррасонии равонии кӯдак нигаронида шудааст;
- раванди тарбия субъекти муайяни худро дорад;
- тарбия табиати беинтиҳо дорад.

Ҳамзамон муаллиф пешниҳод кардааст, ки дар Кодекси оилаи Ҷумҳурии Тоҷикистон муқарраароти алоҳида дар бораи танзими ҳуқуқии муносибатҳои дояро ворид намоянд. Албатта пешниҳоди мазкур амри зарурӣ ва саривақтӣ мебошад, чунки имрӯзҳо муносибатҳои ҷамъиятӣ дар самти тарбияи кӯдакон инкишоф ёфта истодаанд ва дар шароити имрӯза, ки падару модар ҳарду кор мекунанд ва ё имконияти ба тарбияи фарзанд машғул шуданро надоранд, тавассути бастани шартномаи махсус тарбияи кӯдаки худро ба доя вобаста мекунанд. Чунин таҷриба аллакай дар баъзе давлатҳои дунё амал мекунад ва хеле таҷрибаи муфид ҳам ҳаст.

Дар маҷмӯъ ҳамаи нуктаҳои барои ҳимоя пешниҳодшудаи муаллиф навгонӣ буда, қабули онҳо амри воқеӣ мебошанд. Ба хусус нуктаҳои 7 ва 8, ки ба асоси аз ҳуқуқи падарию модарӣ маҳрум кардани шахс фаъолияти фоҳишагиро муқаррар кардааст, ғайр аз ин ҳамчун яке аз воситаҳои ҳифзи ҳаёт ва саломатии кӯдакони навтаваллудшуда ва омили пешгирикунандаи содиршавии ҷинояти мудҳиш муқобили кӯдакони навтаваллудшуда ташкил намудани бэби-боксҳоро эътироф намудааст, яке аз мушкилоти ҷойдоштаи ҷомеаи имрӯза мебошанд, ки дар амал татбиқ намудани ин пешниҳодҳо барои бартараф гардидани чунин мушкилот мусоидат менамоянд.

Дар таҳқиқоти илмии мазкур баъзе эродҳои имлоӣ ва хусусияти ҷузъӣ дошта вуҷуд доранд, ки он сифат ва сатҳи рисолаи анҷомдодашударо коҳиш намедиҳанд ва қиммати илмии онро коста намегардонанд.

Бо дарназардошти гуфтаҳои болозикр, дар маҷмӯъ хулоса

баровардан мумкин аст, ки диссертатсияи илмии омоданамудаи Саидзода Муҳаббат Шералӣ дар мавзӯи «Масоили оилавӣ-ҳуқуқии тарбияи кӯдакон дар Ҷумҳурии Тоҷикистон» кори илмии анҷомёфта маҳсуб меёбад ва ҷавобгӯи тамоми талаботҳо (махсусан бандҳои 10, 11, 12, 14 ва 16-и Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ ва унвони илмӣ (дотсент, профессор), ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 26-уми ноябри соли 2016, таҳти №505 ба тасвиб расидааст) буда, муаллифи он сазовори дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ аз рӯи ихтисоси 12.00.03 – ҳуқуқи гражданӣ, ҳуқуқи соҳибкорӣ, ҳуқуқи оилавӣ, ҳуқуқи байналмилалии хусусӣ мебошад.

**Сармутахассиси раёсати ҳуқуқи**
**Дастгоҳи иҷроияи Президенти**
**Ҷумҳурии Тоҷикистон,**
**номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ** **Қурбонализода Н.Ш.**

РАЁСАТИ ҲУҚУҚ ВА НАЗОРАТ